**Суратмаҷлиси № 5**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022

аз 11 августи соли 2020 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 20 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2020, № 61 тасдиқгардида, 16 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктордони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шӯро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шӯро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсия унвонҷӯйи кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи «**Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи Бухорои шариф»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссия ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ А. Азимов, аъзои комиссияи ташхис Ҷ. Садулоев, М. Абдуллозода баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи «**Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи Бухорои шариф»**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Муллоев Шариф Боқиевич -** доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR - и муассисаи таълимии байни давлатии маълумоти олии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

- **Маъмурзода Носирҷон Маъмур** – номзади илмҳои филологӣ, мудири Шуъбаи иттилоотию таҳлилии Дастгоҳи раиси вилояти Хатлон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таъйин карда шавад;

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад;

5.Таърихи рӯзи ҳимоя 26. 11. 2020, соати 13:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН • ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ